**Ба Шӯрои диссертатсионии 6Д.КОА-002 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ 17)**

# ТАҚРИЗ

муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Одиназода Рамазон Сафар дар мавзӯи: «Пайдоиш ва рушди ниҳодҳои адолати судии маъмурӣ дар Тоҷикистон (таҳқиқоти таърихӣ-ҳуқуқӣ)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз ихтисоси 12.00.01 – назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимоти ҳуқуқӣ ва сиёсӣ пешниҳод шудааст, (Душанбе, 2021).

**Мубрамияти мавзӯи таҳқиқоти диссертатсионӣ**. Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар роҳи бунёди давлатдории навини худ қадамҳои устувори сиёсӣ гузошта, дар қатори қабули таҷрибаи пешқадами кишварҳои мутамаддин ва низомҳои ҳуқуқии рушдкардаи олам, ба масоили таҳқиқи хотираи ҳуқуқӣ ҳамчун рукни эҳёи фарҳанги миллӣ ва ҳуқуқи ватанӣ арҷ мегузорад, бештар ба суннату падидаҳои ҳуқуқии таърихии миллат рӯ оварда, омӯзиши таърихи ниёгон дар шароити муосир барои тоҷикон аҳамияти бузургро касб менамояд. Ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ барои ҷомеаи Тоҷикистон мақсаду вазифаҳои навро пеш гузошта, миллати тоҷик барои рушди давлатдории худ имкониятҳои фаровони ба миёномадаро истифода мекунад. Яке аз вазифаҳои муҳим дарёфти намунаҳои ташаккули ниҳодҳои давлатдорӣ ва идоракунии ҷомеа буда, тоҷикон дар ин самт таҷрибаи ғанӣ доранд. Дар шароити давлати ҳуқуқбунёд ва таҷзияи ҳокимият нақши мақомоти судӣ дар баррасии баҳсҳо ва низои байни мақомоту корманд, байни шаҳрвандон хеле боло рафта, суд дар ин мавридҳо ҳамчун ягона мақоми ҳакам баромад мекунад. Аз ин сабаб, ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ барои такомули низом ва сохтори судӣ равона карда шуда, солҳои охир дигар мақомоти ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳои шахс ва шаҳрванд мисли Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон, Ваколатдор оид ба ҳуқуқи кӯдак ба фаъолияти худ шурӯъ намуданд. Бояд қайд намуд, ки мавзӯи пешниҳодгардида ба яке аз мубрамтарин масоили рӯз табдил ёфта, аксарияти давлатҳои Аврупою Осиё кушишҳо ба харҷ додаанд, то суди мустақили маъмурӣ таъсис намоянд. Таҷрибаи судҳои умумӣ низ гувоҳӣ мавҷудияти зарурат дар мавриди таъсиси ин угна судҳо мебошад. Ин заруратро

ба назар гирифта докторант таҷрибаи беш аз ҳазорсолаи таърихии мавҷудияти судҳои маъмурӣ ва мақомоти онро амаликунандаро ҷамъбаст ва барои қонунгузор ва донишмандон пешниҳод намудааст. Аз ин сабаб, таҳқиқот на танҳо мубрамияти илмӣ, балки амалӣ дошта, аҳамияти таърихӣ ва муосир доштани он бешубҳа аст. Он барои ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ ва такмил додани низоми судӣ бешубҳа хизмат хоҳад кард.

**Дараҷаи навоварии таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Дар таҳқиқот дар нуздаҳ банд навоварӣ ва як банд тавсияҳои амалӣ пешниҳод шудаанд, ки лоиқи дастгирӣ мебошанд, чунки натиҷаҳои нави илман асоснок буда, барои рушди илми ҳуқуқшиносӣ хизмат мекунанд.

1) Дар банди якуми навгониҳо пайдоиши механизмҳои амалисозии адолати судӣ, дар қатори дигар ниҳодҳои давлатдорӣ асоснок карда шудааст, ки лоиқи дастгирӣ мебошад. Махсусан, андешаи муаллиф оид ба амалисозии адолати судӣ аз ҷониби сарвари давлат, ки он ба зиммаи ӯ масъулияти муҳимро гузошта, минбаъд заминаи таъсиси дигар ниҳодҳои амалисозандаи адолати судӣ, аз ҷумла адолати судии маъмурӣ мегардад.

2) Дар таҳқиқоти диссертатсионӣ мазмуну моҳияти як қатор мафҳумҳои истифодагардида муайян карда шудаанд, ки барои дуруст дарк кардани андешаҳои муаллиф мусоидат мекунанд. Ду мафҳуми асосии таҳқиқоти мазкур «адолати судӣ» ва «адлияи маъмурӣ» ба сифати навоварӣ пешниҳод гардидааст, ки ин иқдоми муаллиф низ бояд дастгирӣ ёбад.

3) Даврабандии таърихи рушди падидаҳои ҳуқуқӣ масъалаи муҳими методологӣ буда, ҷанбаҳои муҳими падидаи таҳқиқшавандаро ошкор менамояд ва амали илман асоснок ва исботшуда мебошад. Муаллиф аз ин усули методологӣ объективона истифода намуда, дар якчанд бобҳои мушаххаси таҳқиқоти диссертатсионӣ даврабандии ниҳод ва таърихи рушди онҳоро гузаронида, махсусияти ҳар як марҳиларо ошкор намудааст. Нуктаҳои сеюм ва чоруми пешниҳодгардида ба ин масъала бахшида шудаанд.

5) Муаллиф ғайр аз дастовардҳои дигар як қатор сарчашма ва санадҳои меъёрию ҳуқуқиро ба гардиши илмӣ ворид намудааст, ки яке аз онҳо фармони шоҳи Сосонӣ оид

ба чараёни бурдани тафтишот ва истеҳсолоти судӣ мебошад, ки аз назари илмӣ таҳлилу баҳогузорӣ шудааст.

6) Дар банди шашуми навовариҳо, муаллиф, таърихи ниҳоди сипаҳдовар – чун падидаи амалисозандаи адолати судиро муайян намуда онро таҳқиқ кардааст, ки сазовори дастгирӣ аст.

7) Муаллиф дар таҳлили ҳар як падида ва чараёни амалисозии адолати судӣ усули ошкор намудани сабабу натиҷа, омилҳои муассир ба онро ошкор ва таърихи рушди ниҳодҳо, аз ҷумла ниҳоди мазолимро истифода бурдааст, ки мавриди дастгирӣ мебошад.

8) Навоварии ҳаштуми таҳқиқот ошкор карда шудани навъ ва намудҳои баҳсҳои ҳуқуқие, ки судҳои маъмурии мазолим салоҳияти баррасии онҳоро доштанд ва ба мушаххас намудани мазмуни фаъолияти ниҳоди мазолим бахшида шудааст.

9) Навоварии нуҳуми таҳқиқот ошкор намудани низоми мақомоти судию маъмурии баррасикунандаи парвандаҳои динӣ мебошад, ки дар раванди он хусусияти фарққунандаи чараёни таҳқиқу баррасии парвандаҳои динӣ ошкор гардида ва сазовори дастгирӣ мебошад.

10) Дар банди даҳуми навгониҳо муаллиф исбот менамояд, ки таҳияи меъёрҳои ҳуқуқӣ ва талаб намудани рафтори боадолатона ба раийат заминаи қонунгузории тоҷиконро ташкил медод.

11) Ба андешаи мо, навоварии ёздаҳуми пешниҳодгардида, яке аз дастовардҳои муҳими илмии таҳқиқоти мазкур мебошад, ки ба таърихи пайдоиш, ваколат ва масъулияти ниҳоди динию сиёсии муҳтасиб (раис) бахшида шуда, дар он инчунин, шакл ва намудҳои ҷазо ки муҳтасиб ҳаққи истифодаи онҳоро дошт, ошкор ва мушаххас карда шудаанд.

12) Навгонии нуқтаи дувоздаҳуми пешниҳодгардида барои илми таърихи давлат ва ҳуқуқи Тоҷикистон бебаҳо буда, аввалин маротиба дар илми ҳуқуқшиносии тоҷик ба таври маҷмӯӣ таҷрибаи амалисозии ҷазо ва намудҳои ҷазои маъмурӣ дар ҳудуди Тоҷикистони тошӯравӣ таҳлилу баррасӣ ва пешниҳоди муҳаққиқон гаштааст.

13) Навоварии сенздаҳуми таҳқиқот, бо далелҳо исбот намудани фаъолияти амалисозии адолати судии маъмурӣ аз ҷониби мақомоти шурта (мақомоти ҳарбии кишвар) бахшида шудааст.

14) Муаллиф, дар амал мақоми суди маъмурӣ дар кишвари Туркистон доштани судҳои қозиро дар навоварии чордаҳуми таҳқиқот исбот намудааст.

15) Дар банди понздаҳуми навгониҳо, сохтор ва низоми судӣ дар Бухорои охири асри XIX ва то инқилоби сентябрии соли 1920 муайян ва хусусияти алоҳидаи он ошкор карда шудааст.

16) Муаллиф кушиш намудааст, ки аз тариқи муқоисаи ҳуқуқӣ дар банди шонздаҳуми навовариҳо таносуби ниҳодҳои амалисозандаи адолати судӣ, аз ҷумла ниҳоди қозӣ ва дигар ниҳодҳои амалисозандаи адолати судии маъмуриро муқаррар намояд.

17) Дар банди ҳабдаҳуми навовариҳои таҳқиқот, марҳилаҳои рушди унсурҳои амалисозандаи адлияи маъмурии шӯравӣ муқаррар карда шуда, хусусиятҳои хоси марҳилаи шӯравии рушд таҳлил гардидааст.

18) Муаллиф масоили вобаста ба таъсис, мавҷудият ва рушди суди маъмурии муосирро дар навоварии ҳаждаҳум ошкор ва хулосабарорӣ намудааст.

19) Дар заминаи таҳқиқоти гузаронидашуда, таҳлили муқоисавии амалияи судҳои маъмурии дигар кишварҳо, муаллиф дар навоварии нуздаҳуми таҳқиқот зарурати таъсиси суди маъмуриро дар Тоҷикистон асоснок ва исбот менамояд.

Муаллиф дар заминаи таҳқиқоти анҷомдода як қатор тавсияҳо барои истифодаи амалӣ дар такмили қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ислоҳи амалияи мақомоти амалисозандаи адолати судии маъмурӣ ва адлияи маъмурӣ таҳия ва пешниҳод кардааст.

**Асоснокӣ ва саҳеҳияти хулосаю пешниҳодҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Хулосаю пешниҳодҳои муаллифи диссертатсия илман асоснок мебошанд, дар заминаи сарчашмаҳои сершумори илмӣ таҳия гардиданд. Муаллиф ҳангоми таҳияи рисола таълимоти таърихӣ – ҳуқуқӣ ва қонунгузории амалкунандаро таҳлилу баррасӣ намуда, дар заминаи онҳо хулосаҳои худро таҳия намудааст. Махсусан даврабандии таърихӣ дар рисола илман асоснок ва боварибахш аст, чунки дар заминаи даврабандиҳои мавҷуда

тахия гардида, натичаи таҳқиқоти бисёрсолаи муаллиф мебошад. Саҳеҳияти хулосаю пешниҳодҳои диссертатсия инчунин аз истифодаи таҷрибаи беш аз ҳазорсолаи ниёгон дар ин самт, дар заминаи таҳлилу хулосаҳои муҳаққиқони масоили мазкур, омузиши таҷрибаи амалисозии онҳо ва баҳои сиёсатмадорону муҳаққиқони ин масъала ба даст омадааст.

**Дараҷаи навоварии хулоса ва пешниҳодҳо.** Хулоса ва нуқтаҳои барои ҳимоя тавсияшудаи таҳқиқот дар илми ҳуқуқшиносии тоҷик бори аввал пешниҳод гардида, аксарияти онҳо дар шакли нав ва бо факту далелҳои нав ва натиҷаи омӯзиши таҷрибаи судии таърихӣ ва муосир асоснок ва исбот карда шуда, саҳми мустақилонаи муаллиф дар баррасии ҷанбаҳои гуногуни масоили таҳқиқшаванда мебошанд.

**Сохтори рисола** вобаста ба мақсад ва вазифаҳои гузошташудаи илмӣ муайян гардида мантиқан ба муқаддима, панҷ боб ва ҳафтдаҳ зербоб, хулоса ва руйхати санадҳои меъёрӣ - ҳуқуқӣ ва сарчашмаҳои илмии истифодашуда тақсим карда шудааст.

**Таълифоти натиҷаҳои таҳқиқот дар нашрияҳои илмӣ.** Қайд намудан зарур аст, ки натиҷаҳои асосии таҳқиқот ба таври муфассал ва дар шаклҳои гуногун нашр ва ба самъи муҳаққиқон ба воситаи мақолаҳои илмӣ, монография, китоби дарсӣ ва маърузаҳо дар конференсияҳои байналмилалию ҷумҳуриявӣ расонида шудаанд. Оид ба мавзӯи пешниҳодгардида, мувофиқи иттилооти дар диссертатсия ва автореферати муаллифи рисола ҷойдошта, унвонҷуй шонздаҳ мақолаи илмӣ дар нашрияҳои эътирофнамудаи КОА-ии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, нуҳ мақолаҳои илмӣ дар нашрияҳои дигар, се монографияҳои илмии ба мавзӯъ бахшидашуда таҳия ва нашр намудааст.

Автореферат ба таври комил ба мазмуни диссертатсия мутобиқ буда, мазмуни асосии онро инъикос менамояд ва тибқи талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардидааст. Дар он мақсад, вазифа, бандҳои барои ҳимоя тавсияшуда, хулоса ва тавсияҳои амалии дар ҷараёни таҳқиқот ба даст омада, инъикос шудаанд.

Диссертатсия дар самти 12.00.01 - назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимоти ҳуқуқӣ ва сиёсӣ таҳия гардида, ба ин ихтисос мувофиқат мекунад.

**Аҳамияти натиҷаҳои илмӣ барои назария ва амалия, тавсияҳо барои истифодаи онҳо.** Таҳқиқоти диссертатсионии пешниҳодгардида ва натиҷаҳои бадастомада дар ҷараёни таҳқиқот барои илми назарияи давлат ва ҳуқуқ, таърихи давлат

ва ҳуқуқ, илми мурофиаи маъмурӣ, низоми судӣ хеле муҳим ба назар мерасад, чунки саҳифаҳои то ҳол таҳқиқнашударо барои илм ошкор ва донишҳои бадастовардаро ба низом даровардааст.

Таҳқиқот аҳамияти амалӣ дорад ва нуктаҳои асосии онро барои такмили қонунгузорӣ, ба таври комил барои таҳким бахшидани ислоҳоти судӣ – ҳуқуқӣ, такмили сохтори низоми судӣ, таъсиси суди маъмурӣ ва инчунин, ҳамчун заминаи илмии ин тағйиротҳо истифода бурдан мумкин аст.

**Эродҳо оид ба мазмун ва шакли таҳияи диссертатсия.** Дар қатори дастовардҳо дар таҳқиқоти диссертатсионӣ баъзе масоили баҳсбарангез вуҷуд доранд, аз ҷумла:

1. Дар диссертатсия асосан сухан оид ба ниҳодҳои амалисозандаи адолати судии маъмурӣ меравад ва муаллиф дар аксар ҳолат ҷонибдори таъсиси судҳои маъмурӣ дар кишвар мебошад. Вале дар матни зербобҳои таҳқиқот дар қатори ниҳодҳои суди маъмурӣ, мақомоти маъмурии ба баррасии баҳсҳои маъмурӣ машғулбуда низ таҳлил шудаанд. Муаллиф, таносуби байни ин ниҳодҳоро чӣ гуна муайян мекунад?

2. Ба андешаи мо, масъалаи ҷазои маъмурӣ будани чунин ҷазоҳо, мисли «лунҷашба занед» баҳснок менамояд.

3. Дар матни диссертатсия баъзе камбудиҳои орфографӣ мушоҳида мегардад.

Новобаста аз эродҳои мо, ки қимати рисоларо паст намекунанд, он дар дараҷаи баланди илмӣ таҳия гардида, тавсияҳо ва пешниҳодҳои он метавонанд такони бузург дар ислоҳоти судӣ - ҳуқуқӣ гашта, барои такмили низоми судҳои муосир хизмат намояд.

Мутобиқати мазмун ва шакли таҳияи диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ. Диссертатсияи Одиназода Рамазон Сафар дар мавзӯи «Пайдоиш ва рушди ниҳодҳои адолати судии маъмурӣ дар Тоҷикистон (таҳқиқоти таърихӣ-ҳуқуқӣ)» аҳамияти илмӣ-назарӣ ва бештар амалӣ дошта, дар соҳаи таърихи давлат ва ҳуқуқ таҳқиқоти комил ва баохиррасида мебошад, ки дар он як қатор навгониҳои илмӣ пешниҳод шудаанд. Хулосаю пешниҳодҳои таҳияшуда холигиро дар омӯзиши илмии ин масъалаҳо пурра намуда, барои такмили қонунгузорӣ оид ба мақомоти суди маъмурӣ ва пешрафти таҷрибаи корӣ дар ин самт имконият фароҳам меоваранд.

Диссертатсия ба талаботи бандҳои 74 - 75 «Низомномаи намунавӣ оид ба Шӯрои диссертатсионӣ», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, таҳти № 505 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯй мебошад.

Дар маҷмӯъ, диссертатсия дар мавзӯи «Пайдоиш ва рушди ниҳодҳои адолати судии маъмурӣ дар Тоҷикистон (таҳқиқоти таърихӣ-ҳуқуқӣ)» таҳқиқоти илмии комилан хотимаёфта маҳсуб гардида, дар он навгониҳои илман асоснок ба даст омада, мушкилоти мушаххаси илмӣ ҳалли худро ёфтааст, аз ин сабаб, муаллифи он – Одиназода Рамазон Сафар барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимоти ҳуқуқӣ ва сиёсӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) сазовор мебошад.

**Муқарризи расмӣ:** доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
дотсент, мудири кафедраи фанҳои давлатӣ - ҳуқуқии
Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон — Элназаров Д.Х.

**Суроға:** 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе,
к. М. Турсунзода 30. Тел.: (+992-37) -2-27-46-86,
(+992-37) – 227-86-48; e-mail: sabkar@list.ru

Имзои Элназаров Д.Х. -ро тасдиқ мекунам.
Шуъбаи кадрҳои Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон — Давлатов Х.Х.